Чумхурии Точикистон бо ба даст овардани Истиклолияти давлатӣ сохтори идории худро сохибихтиёру хукукбунёд ва демократию дунявӣ эълон намуда, роххои расидан ба хадафхои стротегиро пеш гирифт ва татбику амалӣ намудани ин хадафхои бузург давра ба давра амалӣ карда мешаванд.      Албатта, дар ин чода сахми Пешвои миллат, Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон ва мардуми шарафманду сохибтамаддуни точик бузург аст. Зеро халки точик бо бардошт аз таърихи гузашта маком ва мухимияти истиклолияти давлатиро дакикан дарк намуда, иттиходу дастачамъона бахри эъмори чомеаи хукукбунёд ва тахкими пояхои давлатдории навин камари химат баст.

Дастоварди беназир ва бебахое, ки миллати точик дар даврони сохибистиклолӣ ба он мушарраф гардид, ин ташаккули худшиносии миллӣ ва бедории фикрии мардум дар заминаи омӯзишӣ таъриху фарханг  ва осори пургановати ниёгон мебошад. Зеро миллати точик бо эхё кардани суннату анъанахои миллӣ дубора ба гузаштаи асли хеш рӯ оварда, хадафхо ва стратегияи рушду инкишофи минбаъдаи бахшхои сиёсиву иктисодӣ ва ичтимоиву фархангии худро бо назардошти манфиатхои миллӣ ва таъмини зиндагии шоистаи мардум тахия ва амалӣ кард.

Дар шароити феълии афзоиши тазоду манфиатхохии абаркудратхо ва густариши терроризму экстремизм, Чумхурии Точикистон низ наметавонад аз пайомаду хатархои он дар канор бошад. Аз ин лихоз, мо хизматчиёни низомӣ ва чомеаи кишварро зарур меояд, ки даргириву нобасомонихои кишвархои чангзадаро мухокимаву баррасӣ намуда, бахри рушду тараққӣ ва хифзи арзишхову дастовардхои истиклолияти давлатӣ хамеша дар талош ва мубориза бошем.